«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, д.и.и., профессор
_____ Давлатзода Қ.Қ.
«_05_» _____09_____ 2026 с.

ХУЛОСАИ

Кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оиди кори диссертатсионии Ҳабибуллозода Зикрулло Ҳабибулло дар мавзуи “Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ).

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Зикрулло Ҳабибулло дар мавзуи “Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) дар кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳабибуллозода З.Ҳ. докторанти PhD-и кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба шумор мерафт.

Ҳабибуллозода Зикрулло Ҳабибулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 январи соли 1999 дар ноҳияи Данғара, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ҳабибуллозода З.Ҳ. соли 2017 ба ихтисоси неругоҳҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2021 бо дипломи аъло хатм намуд. Пас аз хатми донишкадаи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси “Таъмини барқ (аз рӯи соҳаҳо)” дохил шуда, соли 2023 зинаи мазкурро бо ихтисоси “Таъмини барқ” бо дипломи аъло хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ №665-3/4 аз 25.09.2023 с. ба ҳайси докторанти PhD-и кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ дар шурои илмии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ тасдиқ гардидааст (протоколи № 6 аз 19-уми январи соли 2024).

Роҳбари илмӣ: Ҷӯразода Шоҳин Ҷӯра – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи электроэнергеткаи филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии "Донишкадаи энергетикии Москва" дар шаҳри Душанбе.

Дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ №254-3/4 аз 20.04.2026 с. имтиҳони комплексии докторантураи PhD – ро бо муваффақият супоридааст.

Айни замон Ҳабибуллозода З.Ҳ. дар вазифаи ассистенти кафедраи неругоҳҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсияи Ҳабибуллозода З.Ҳ. дар ҷаласаи васеи кафедраи неругоҳҳои электрикӣ бо иштироки омӯзгорони кафедраҳои электротаъминкунӣ, ҳимояи релеӣ ва автоматикунонии системаҳои энергетикӣ, ҳаракатдиҳандаҳои автоматикунонидашудаи электрикӣ ва мошинҳои электрикӣ ва асосҳои назариявии радио ва электротехникаи факултети энергетикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз "05" сентябри соли 2026, протоколи №1, муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ" чунин хулоса қабул карда шуд:

– *Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия:* Номи мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ ва шиносномаи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) мувофиқат мекунанд.

– *Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ:* Корҳои илмии дар доираи кори диссертатсионӣ иҷрошуда ба талаботи меъёрии як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ мувофиқ меояд, аз ҷумла: Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) дар давраи то соли 2030 (фармони № 392 аз 01.10.2016 с.), Қонуни ҶТ дар бораи энергетика (фармони № 1909 аз 19.07.2022 с.), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, № 427 Оид ба Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020 – 2025 оид ба татбиқи эълони солҳои 2020 – 2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф».

– *Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он:* Шумора ва мавзӯъҳои интишори натиҷаҳои илмӣ мазмуни диссертатсия ва автореферати онро комилан фаро мегиранд

– *Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо:* Натиҷаҳои кори

диссертатсионӣ, асосан усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ, ки ба баҳодиҳии миқдории тавсифҳои амплитудавии басомадии гирехҳо бо истифода аз зариби пешгӯишавандаи бавуҷудоии резонансро коркардшуда асос ёфта, тавассути нисбати муқовимати хусуси гирех дар гармоникаи олӣ ба муқовимати хусусии гирех дар басомади асосӣ ифода меёбад, метавонад дар шабакаҳои электрикӣ барои муайян намудани эҳтимолияти резонанс ва инчунин ҳангоми омода намудани донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои неругоҳҳои электрикӣ ва электротаъминкунӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои "Масъалаҳои математикӣ дар электроэнергетика" ва "Мутобиқати электромагнитӣ" дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Филиали Донишкадаи миллии таҳқиқотии "Донишкадаи энергетикии Москва" дар шаҳри Душанбе истифода бурда шаванд.

– *Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсион:* дар муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот; интихоби заминаҳои методологӣ ва иттилоотӣ; анҷом додани таҳқиқот, таҳияи усулҳо ва алгоритмҳо; инчунин коркарди барномаи компютерӣ ифода меёбад.

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Зикрулло Ҳабибулло дар мавзуи "Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ" ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) мутобиқат менамояд:

банди 2 «Таҳиясозии асосҳои илмӣ (равишҳо) ҷиҳати…» – ба коркарди усули пешгӯии эҳтимолияти бавуҷудоии ҳодисаҳои резонансӣ дар дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ тааллуқ дорад;

банди 3 «Таҳиясозии усулҳои ҳисоб, пешбиниҳо, оптимизатсия…» – дар кор усули пешгӯии эҳтимолияти бавуҷудоии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикӣ бо назардошти конфигуратсияи шабака ва ҳуҷҷатҳои меъёрии сифати энергияи электрикӣ коркард шудааст;

банди 6 «Таҳиясозии усулҳои моделсозии математикӣ.…» – дар кор амсилаи имтатсионӣ барои ҳисоби реҷаҳои кори ғайрисинусоидалии қисми ҷанубии системаи электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани тавсифи басомадии гирехҳои система таҳия гардидааст;

банди 12 «Таҳиясозии усулҳои назорат ва таҳлили сифати…» – дар диссертатсия алгоритм барои беҳтарин ҷои насб ва иқтидори дастгоҳҳои ҷубронкунии филтрӣ барои муътадилсозии сатҳи шиддат дар бандакҳои қабулкунакҳои электрикӣ ва паст намудани талафи иқтидор бо назардошти эҳтимолияти ба вуҷуд омадани резонанс коркард шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалӣ рӯйхати адабиёти истифодашуда ва иловаҳо иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, 1 мақола дар маводҳои конференсия, ки ба пойгоҳи маълумотии IEEE ва Scopus шомил аст, 5 нашрия дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва 1 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии барнома барои МЭҲ ва пойгоҳи маълумот ба нашр расидаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо қариб 6,125 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

I. Нашрияҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. **Ҳабибуллозода З.Ҳ.** Таҳқиқи реҷаи ғайрисинусоидалӣ дар шабакаҳои электрикӣ барои баҳодиҳии ба вуҷуд омадани ҳодисаи резонанс / Ш. Ҷ. Ҷӯразода, З. Ҳ. Ҳабибуллозода, М. К. Ҷаборов, С. Т. Исмоилов // Паёми политехникӣ. Бахши: Таҳқиқоти муҳандисӣ. – 2025. – No. 2(70). – С. 47-58.

[2-М]. **Хабибуллозода З.Х.** Инструментальная оценка качества электрической энергии в южных электрических сетях Республики Таджикистан / Ш.Д. Джуразода, М.К. Джаборов, З.Х. Хабибуллозода, М.М. Вохидов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2025. – № 1(69). – С. 5-16.

[3-М]. **Ҳабибуллозода З.Ҳ.** Баррасии таҳқиқоти ҳисоби резонанс дар шабакаҳои электрикӣ / З.Ҳ. Ҳабибуллозода // Паёми политехникӣ. Бахши: Таҳқиқоти муҳандисӣ. – 2025. – №4(72). – С. 16-22. – DOI 10.65599/HYZM5412. – EDN GKBJCL.

[4-М]. **Хабибуллозода З.Х.** Методика прогнозирования резонансных явлений в электроэнергетических системах с нелинейными нагрузками/ Ш.Д. Джуразода, З.Х. Хабибуллозода, С.А. Абдулкеримов, Х.Б. Назиров, З.С. Ганиев, М.К. Джаборов / Электричество. – 2026. – №6. – С. 26-31.

[5-М]. **Хабибуллозода З.Х.** Применение метаэвристических алгоритмов для многокритериальной оптимизации размещения компенсирующих устройств с учетом рисков возникновения резонанса / З. Х. Хабибуллозода, Ш. Д. Джуразода, С. Т. Исмоилов, М. К. Джаборов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2026. – № 2(74). – С. 28-41.

II. Интишорот дар пойгоҳҳои байналмилалии SCOPUS ва IEEE

[6-М]. **Habibullozoda Z.H.** Valuation of Potential of Resonance Phenomena in Electric Power Systems Containing Nonlinear Loads / Jurazoda Shohin (Dzhuraev Shokhin); Zikrullo Habibullozoda; Khurshed Nazirov; Zokirjon Ganiev; Saidjon Ismoilov; Rustam Karimov // 2026 ElCon Conference of Young Researchers in Power, Energy & Industry Applications (ElCon-PEIA). 03-05 February 2026, Saint Petersburg, Russian Federation. – doi: 10.1109/ElCon-PEIA69858.2026.11452017.

III. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

[7-М]. **Саидбеков З.Ҳ.** Такмили усули пешгӯии ҳодисаи резонансӣ дар шабакаҳои электрикӣ ҳангоми мавҷуд будани манбаъҳои гармоникаи олӣ / Саидбеков З.Ҳ., Ҷаборов М.К., Аминов Д.С., Қаюмов А.Ғ. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Энергетика соҳаи калидии рушди иқтисодиёти миллӣ». – Кӯшониён – 2023. – С. 16- 24.

[8-М]. **Саидбеков З.Ҳ.** Баҳодиҳии сифати энергияи электрикӣ дар зернеругоҳи «Истиқлол» (110/35/10 кВ) / Ҷаборов М.К., Қаюмов А.Ғ., Амирханов А.С., Саидбеков З.Ҳ. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Энергетика соҳаи калидии рушди иқтисодиёти миллӣ». – Кӯшониён – 2023. – С. 31- 36.

[9-М]. **Саидбеков З.Ҳ.** Ҳисоб кардани реҷаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикӣ ҳангоми мавҷуд будани манбаъҳои гармоникаи олӣ / Саидбеков З.Ҳ., Ҷаборов М.К., Қаюмов А.Ғ. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Энергетика: ҳолат ва дурнамои рушд». ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – Душанбе – 2023. – С. 168- 175.

[10-М]. **Саидбеков З.Ҳ.** Влияние резонансная частота на высших гармониках в системы электроснабжения / Саидбеков З.Ҳ., Ҷаборов М.К., Қаюмов А.Ғ., Исматов Ф.Ҳ. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Энергетика соҳаи калидии рушди иқтисодиёти миллӣ». – Кӯшониён – 2024. – С. 78- 86.

[11-М]. **Ҳабибуллозода З.Ҳ.** Баррасии усулҳои маъмулии ҳисоби зуҳороти резонанс дар шабакаҳои электрикӣ / Ҷӯразода Ш.Ҷ., Исмоилов С.Т., Ҳабибуллозода З.Ҳ., Ҷаборов М.К. // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Энергетика: ҳолат ва дурнамои рушд». ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – Душанбе – 2024. – С. 38- 46.

IV. Шаҳодатномаҳои муаллифӣ ва патентҳо:

[12-М]. **Хабибуллозода З.Х.** Свидетельство о государственной регистрации программы для ЭВМ № 2025685699 Российская Федерация. Программа для анализа и определения узлов в электроэнергетической системе, где возможны резонансные явления: заявл. 04.09.2025: опубл. 25.09.2025 / З.Х. Хабибуллозода, С.А. Абдулкеримов, Ш.Д. Джуразода [и др.]; заявитель федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «НИУ «МЭИ». – EDN OTHGQR.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ҳабибуллозода З.Ҳ. дар мавзуи “Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳабибуллозода З.Ҳ. дар мавзуи “Такмили усули пешгӯии ҳодисаҳои резонансӣ дар шабакаҳои электрикии дорои бори ғайрихаттӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D071800 – Энергетикаи электрикӣ (6D071801 - Неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои электроэнергетикӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-083 дар назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи неругоҳҳои электрикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ санаи 05 сентябри соли 2026 с. қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 30 нафар, натиҷаҳои овоздиҳӣ:
“тарафдор” – 30 нафар, “зид” – нест, “бетарафд” – нест.

Раиси ҷаласа, н.и.т., мудири кафедраи
неругоҳҳои электрикӣ Зокирзода Аминҷон Раҳмон

Котиби ҷаласа, муаллими калони
кафедраи неругоҳҳои электрикӣ Ҳотамзода Шамсия Ҳотам

Имзоҳои Зокирзода А.Р. ва Ҳотамзода Ш.Ҳ. – ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Х.

«05» 09 2026 г.